آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

16 декабри соли 2023
ШАНБЕ
№ 99 (15006)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ҚАТАРРО ҚАБУЛ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 декабр ҳайати Давлати Қатарро зери роҳбарии раиси Шӯрои шафоатии Марказ оид ба таъмини волоияти қонун ва муқовимат бар зидди коррупсияи ин мамлакат Алӣ Муҳсин Ал-Маррӣ қабул кард.**



Дар аввали мулоқот раис Алӣ Муҳсин Ал-Маррӣ ба роҳбари давлатамон паёми самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Амири Қатар Тамим бин Ҳамад ал-Таниро расонд.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки муносибати бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Қатар муттасил рушд мекунад. Ҳаҷми савдо ва сармояи ҳамдигар афзуда, омодагӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги муштарак ба амал татбиқ мегардад.

Ҷараёни омодагӣ ба баргузор намудани чорабинии муҳими байналхалқӣ дар Ӯзбекистон – маросими супурдани ҷоизаи ҷаҳонии «Барои дастоварди бузург дар мубориза бар зидди коррупсия», ки бо ташаббуси Амири Қатар таъсис ёфтааст, баррасӣ гардид.

Манфиатдории тарафайн аз минбаъд вусъат ёфтани ҳамкории амалӣ, табодули таҷриба ва ба амал татбиқ намудани барномаҳои муштараки таълимӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия таъид гардид.

**ӮзА.**

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

## МАСЪАЛАҲОИ ҚАБУЛИ ЧОРАБИНИҲОИ ИЛОВАГӢ ДОИР БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ НАТИҶАБАХШИИ БАРНОМАИ ИСЛОҲОТ ДАР ӮЗБЕКИСТОН МУҲОКИМА ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 декабр бо мушовир оид ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ, идораи босамар ва ҳамкории байналхалқӣ Сума Чакрабартӣ мулоқот баргузор намуд.**

Ҷараёни чорабиниҳо ва нақшаҳои оянда оид ба баланд бардоштани натиҷабахшии барномаҳои иҷтимоиву иқтисодии ислоҳот дар мамлакатамон баррасӣ гардид.

Ба баланд бардоштани самараи корҳои ҷорӣ оид ба такомули муҳити сармоягузорӣ ва фазои корӣ, пеш бурдани лоиҳаҳои калон дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бо ҷалб намудани ширкат ва институтҳои молиявии маъруфи хориҷӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Масъалаҳое, ки бо ҷараёни дохил гардидани Ӯзбекистон ба Ташкилоти ҷаҳонии савдо ва баланд бардоштани мавқеи давлатамон дар рейтингҳои байналхалқӣ алоқа доранд, муҳокима гардиданд.

**ӮзА.**

## Дар бораи кушодани маҷлиси умумии чилуҳаштуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Маҷлиси умумии чилуҳаштуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон кори худро 18 декабри соли 2023 соати 10.00 дар шаҳри Тошканд дар маҷлисгоҳи Сенати Олий Маҷлис оғоз мекунад.

Ба нақша гирифта шудааст, ки маҷлиси умумӣ дар шакли видеоконференсия баргузор гардад. Маҷлиси умумӣ мустақиман аз тариқи шабакаи Сенат дар YouTube намоиш дода мешавад.

**ӮзА.**

## ДАР БОРАИ НИЗОМИ КОР БО ҶАВОНОН ҲИСОБОТ ДОДА ШУД

**Президент Шавкат Мирзиёев 15 декабр бо ҳисобот дар бораи кори иҷрогардида дар соли ҷорӣ ва вазифаҳои бартаринок барои соли оянда дар соҳаи сиёсати ҷавонон шинос гардид.**

Дар давраи гузашта чорабиниҳо дар 7 самт ба амал татбиқ гардиданд. Ба роҳбарони масъул 396 ҳазор нафар ҷавонон вобаста карда шуданд, ки ба эътибори алоҳидаи давлат эҳтиёҷ доштанд, аз тариқи кори инфиродӣ ба 331 ҳазори онҳо дар ҷиҳати татбиқи потенсиали худ мадад расонда шуд. Аз он ҷумла, 94 ҳазор нафар бо шуғл фаро гирифта шуда, ба 56 ҳазор касб омӯзонда шуд.

Миқдори намудҳои ёрие, ки аз тариқи «Дафтари ҷавонон» расонда шуд, то 30 афзуда шуда, муддати баррасии муроҷиатҳо барои ёрӣ аз 30 рӯз то 5 рӯз кӯтоҳ карда шуд.

Соли ҷорӣ бо тавсияи пешвоёни ҷавонон ба 338 ҳазор наврасон ва ҷавонон ба миқдори 444 миллиард сӯм мадади моддӣ расонда шуд. Аз он ҷумла, пули қарордоди донишҷӯён пардохта шуд, харҷи таълими забони хориҷӣ ва касбҳои замонавӣ сарпур карда шуд. Ҷавонони бекор бо дастгоҳҳои корӣ таъмин карда шуданд.

Дар ҳар як маҳалла барномаи бошуғлфарогирии ҷавонон татбиқ гардида, дар натиҷа дар соли ҷорӣ бо шуғл фаро гирифтани 236 ҳазор ҷавони бекор ва 189 ҳазор хатмкунандагони мактабҳо таъмин гардонда шуданд.

Аз имсол эътиборан баргузор намудани «Олимпиадаи Панҷ ташаббус» бинобар чор дараҷа – байни ноҳияҳо, мактабҳо, муассисаҳои таълими касбӣ ва донишгоҳҳо оғоз гардида, дар маҷмӯъ дар он 12 миллион ҷавонон иштирок намуданд. Дар маҳаллаҳои ғолибони олимпиада 623 майдончаи варзишӣ сохта шудааст.

Бо мақсади дастгирии истеъдодҳои ҷавон дар Қасри эҷодии ҷавонон дар Тошканд нахустин «Парки эҷодӣ» роҳандозӣ гардид, ки шабонарӯз фаъолият дорад. Ба бозии «Заковат» ва дигар мусобиқаҳои зеҳнӣ 2 миллион нафар ҷавонон ҷалб гаштаанд.

Ба Президент инчунин дар бораи дар вилояти Навоӣ ташкил намудани мактаби байналхалқии шоҳмоти «Тӯдакӯл» гузориш дода шуд.

Мактабе, ки соҳиби инфрасохтори замонавӣ мебошад, қодир аст, ки соле 1,7 ҳазор нафар бачаҳоро таълим диҳад ва 7,5 ҳазор ҷавононро бо чорабиниҳои мухталиф фаро гирад. Дар ин ҷо тамоми шароит барои баргузор намудани мусобиқаҳои байналхалқӣ, мисли чемпионатҳои ҷаҳон ва Осиё, универсиадаҳо фароҳам оварда шудааст.

Роҳбари давлат супориш дод, ки ба ин мактаб гроссмейстерҳои байналхалқӣ даъват карда шуда, шахсони бомаҳорат аз ноҳияҳои дурдаст ҷалб карда шаванд, барои онҳо лагерҳои кутоҳмуддати шоҳмот бо супурдани сертификатҳои дахлдор ташкил карда шавад. Таъкид шуд, ки мактаб бояд намуна ва пойгоҳи методии таълими шоҳмот барои тамоми мактабҳои таълими ҳамагонии мамлакат гардад, татбиқ намудани қарорҳои рақамӣ ба ҷараёни баргузор намудани дарсҳои шоҳмот лозим аст.

Дар ҷамъомад инчунин вазифаҳои бартаринок дар соҳаи кор бо ҷавонон дар соли 2024 баррасӣ гардиданд.

Дар ҳар як минтақа, вазорат ва идора бархурди нав ба кор бо ҷавонон ҷорӣ карда мешавад. Намуди ёрдамҳое, ки бо тавсияи пешвои ҷавонон расонда мешавад, тавсеа дода шуда, эътибори асосӣ ба таълими ҷавонон ба касбҳои замонавӣ дода мешавад.

Бо мақсади рушди иқтидор, шавқ ва истеъдоди бачаҳо ва инчунин барои дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо пешниҳод шуд, ки Ташкилоти бачаҳои Ӯзбекистон созмон дода шавад. Ногузирии такомули корҳои илмиву таҳлилӣ оид ба омӯзиши мушкилоти ҷавонон ва тарбияи кадрҳои истиқболнок таъкид шуд.

Соли оянда чорабиниҳо оид ба афзудани теъдоди ҷавононе, ки забонҳои хориҷиро дар доираи лоиҳаи «Ибрат фарзандлари» таълим мегиранд, то 1 миллион, теъдоди хонандагони наврас дар доираи барномаи мутолиа то 1,5 миллион қабул мегарданд. Барои ин дар минтақаҳо инфрасохтори иловагӣ сохта шуда, ба вуҷуд овардани шароити ҳарчи бештар барои ташкили бомазмуни фароғат, татбиқи истеъдод ва иқтидори ҷавонон ба нақша гирифта шудааст.

**ӮзА.**

## ОБОДОНИИ МАҲАЛЛА – ҒАМХОРӢ БА ХАЛҚ

**Дар кишварамон дар чаҳорчӯби лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” дар асоси меъёрҳои “Хонаи обод”, “Кӯчаи обод”, “Маҳаллаи обод” як қатор корҳо анҷом дода, қиёфаи маҳаллаҳо ба таври куллӣ тағйир меёбад.**

Дар вилояти Қашқадарё бо ташаббуси роҳбари сектори 3-юми вилоят инфрасохтори маҳаллаи дурдасти «Олтин бошоқ»-и ноҳияи Миришкор пурра нав карда шуд. Ба анҷом расидани корҳои сохтмону бунёдкорӣ ба ҷашни ҳақиқӣ табдил ёфт.

Дар чорабинӣ роҳбарони секторҳо таҳти сарварии ҳокими вилоят, шахсони масъул, куҳансолон ва фаъолони маҳалла иштирок карданд. То вақтҳои охир барои ҷамоати шаҳрвандони маҳалла, ки дар он қариб 2,5 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд, бинои маъмурӣ набуд. Ҳоло барои фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла» бинои нави маҳалла сохта ва ба истифода дода шудааст. Дар он барои истифода бурдан аз манбаъҳои алтернативии энергия панелҳои офтобӣ насб карда шудаанд.

– Бунёдкориҳоеро, ки дар муддати кӯтоҳ анҷом дода шуданд, бо ҳеҷ чиз қиёс кардан мумкин нест, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла Холмурод Асадов. – Ҳама кӯчаҳо таъмир гашт, дар 7 хонаи сокинони камбизоат таъмири асосӣ анҷом дода шуд. Майдончаҳои варзишӣ ва бунгоҳи тиббии деҳа нав карда шуданд. Аҳолӣ аз кори наҷибонаи анҷом додашуда хеле шод аст. Панҷ километр роҳҳои дохили хоҷагӣ сангфарш ва 1,3 километр роҳравҳои пиёдагард гузошта шуданд. Дар кӯчаҳо 50 асбоби равшанидиҳии аз энергияи офтоб коркунанда гузошта шудааст. Бо мақсади бо қувваи электр таъмин намудани биноҳои истиқоматӣ 185 такягоҳи бетонӣ гузошта, 5 ҳазор метр хатти нави электр гузаронда шуд. 2 трансформатори нави иқтидорашон 100 киловатт гузошта, 3 трансформатор таъмир карда шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).




## ЛОИҲАИ НАВ ОИД БА РУШДИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ

**Дар Ӯзбекистон лоиҳаи рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайримарказӣ гардондани идоракунии давлатӣ ба кор дароварда шуд.**

Дар ин бора дар чорабинӣ, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия ва Агентии рушди ИМА (USAID) ташкил шудааст, хабар дода шуд.

Маблағи умумии ин лоиҳа, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия, Академияи идораи давлатӣ, Агентии рушди хадамоти давлатӣ ва Оҷонси рушди байналмилалии ИМА (Chemonics International) амалӣ мешавад, 15,2 миллион долларро ташкил медиҳад.

Дар лоиҳа такмил додани фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, меъёрҳои дақиқи истифодаи оқилонаи кадрҳо ва ресурсҳои моддӣ тартиб дода мешаванд. Дар байни мақомоти намояндагии ҳокимият ва ҳокимияти иҷроия ҳамкории зич таъмин карда мешавад.

Аз татбиқи низоми самарабахши қабули қарорҳо дар асоси ошкорбаёнӣ дар идоракунии давлатӣ ва аз ҳад зиёд марказонидани идораи давлатӣ даст кашида мешавад. Дар лоиҳа ҳамчунин масъалаҳое, аз қабили бекор кардани вазифаву функсияҳои такрорӣ, густариши ҳамкории мақомоти давлатӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони ВАО, масъулият ва назорати ҷамъиятӣ пешбинӣ шудаанд.

Маълум аст, ки дар натиҷаи ислоҳоти навбатии маъмурӣ дар Ӯзбекистон шумораи мақомоти иҷр- оияи тобеи ҳукумат аз 61 ба 28, аз ҷумла шумораи вазоратҳо ба 21 кам карда шуда, 20 идора пурра барҳам дода шуд. Ҳокимияти иҷроия торафт ихчам гардида, системаи касбии идоракунии давлатӣ, ҷавобгӯи талаботи халқи мо ва ба натиҷабахшии баланд нигаронидашуда ташаккул меёбад.

Лоиҳаи мазкур, ки роҳандозӣ мешавад, барои расидан ба ҳадафҳои ислоҳоти маъмурии ҷорӣ мусоидат мекунад.

Дар доираи чорабинӣ миёни Вазорати адлия ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ӮзА.**

**Консули генералии Ӯзбекистон дар Таиланд Фахриддин Султонов бо губернатори вилояти Краби Сомчай Харнпакдеепатима мулоқот кард.**

## Мавриди муҳокимаи масъалаҳои инкишофи ҳамкории байниминтақавӣ

Музофоти Краби дар ҷануби Таиланд ҷойгир аст. Ин яке аз минтақаҳои пешқадам бо аҳолии бештари мусулмонӣ, рушди туризми ҳалол ва кишоварзӣ мебошад. Ҳар сол ба вилоят қариб шаш миллион нафар сайёҳон меоянд.

Дар мулоқот масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва ҳамкориҳои байниминтақавӣ баррасӣ шуданд.

Дипломатҳои ӯзбек ба губернатор дар бораи рушди муосири кишвари мо, ислоҳоти васеъмиқёси иқтисодӣ ва иқтидори сармоягузории Ӯзбекистон маълумот доданд.

Губернатор дар навбати худ ба густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар ҳама бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла дар бахшҳои гардишгарӣ ва тиҷорат изҳори ҳавасмандӣ кард.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо бобати таҳия ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳои амалӣ оид ба рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ, аз ҷумла лоиҳаи меморандуми дахлдор байни вилояти Фарғона ва Краби мувофиқа карда шуд. Дар нақша ҳамчунин масъалаҳои роҳандозии парвозҳои мустақим миёни ду кишвар, ташкили сафари ҳайати вилояти Фарғона ба музофоти Краб, ҳамоҳангсозии саъю талошҳои мутақобила ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳони ӯзбекистонӣ дар Таиланд ва дигар амалҳо дар назар аст.

**АИ «Дунё»,**
**ш. Бангкок.**



# ОБОДОНИИ МАҲАЛЛА – ҒАМХОРӢ БА ХАЛҚ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

– Қаблан ин маҳалла маҳаллаи ба ҳоли худ партофташударо мемонд, – мегӯяд сокини деҳа Иброҳим Тошқулов. – Ҳоло он ба як шаҳри хурд монанд аст. Кӯчаҳо ҳамвору равшананд. Биноҳои маъмурӣ, майдончаҳои варзишӣ, салонҳои зебоӣ сохта шуданд. Сокинони мо аз чунин навигариҳо шоду мамнунанд. Бунгоҳи тиббии деҳоти «Янги Жейнов», ки солҳои 2005-2015 мавриди истифода қарор дошт, аз таъмир бароварда шуд. Бунгоҳи тиббии деҳаи «Олтин бошоқ» ба истифода дода шуд. Имрӯз ин муассисаи тиббӣ ба зиёда аз 2400 шаҳрванд хидмати тиббӣ мерасонад.

– Ман аз ҳамин деҳа мебошам, солҳои зиёд боз дар БТД ҳамшираи патронажӣ шуда кор мекунам, – мегӯяд Холида Асадова. – Вазъияти бинои қаблии мо хеле ғайриқаноатбахш буд, барои хидматрасонии тиббӣ ба беморон шароит вуҷуд надошт. Аҷибтараш он аст, ки дар ин ҷо ҳамагӣ ду кас кор мекард. Дар чаҳорчӯби барнома бино таъмир ва ба маркази саломатии оилавӣ табдил дода шуд. Барои табобати статсионарӣ катҳо гузошта шуданд. Системаи гармидиҳӣ насб карда шудааст. Таҷҳизоти тиббӣ оварда шуд. Шумораи ҷои кор афзуд. Албатта, ин дар расондани хидмати босифати тиббӣ ба сокинони маҳаллаи мо аҳамияти калон дорад.

Бинои мактаби миёнаи № 27-и дорои 120 ҷойи нишаст соли 1994 сохта шуда буд. Дар доираи ин барнома мактабро бо девор иҳота намуда, 11 синфхона таъмир карда шуд. Сети гармидиҳии мактаб низ ба истифода дода шуд.

Дар ин мавзеъ то вақтҳои охир барои мусофирон ягон истгоҳ набуд. Дар доираи барнома истгоҳи нав, аз ҷумла мағозаи тиҷоратӣ ва ҷои интизории мусофирон сохта ба истифода дода шуд. Соҳибкори ин деҳа бо истифода аз қарзи имтиёзнок коргоҳи нави дӯзандагӣ, сехи истеҳсоли нону маҳсулоти ордӣ кушода, як гурӯҳ занонро бо кор таъмин намуд.

Бо мақсади ҷалби ҷавонон ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ ва пурмазмун гузаронидани вақтҳои холии онҳо майдончаи «Work-out» ва майдони футболи хурд бо сабзаҳои сунъӣ ба истифода дода шуд.

Дар се гектар майдони маҳалла боғи шуъбаи корҳои дохилӣ мавҷуд буда, дар он 4 ҳазор бех ниҳоли ороишию мевадиҳанда шинонда шуд. Дар даромадгоҳи ҳудуди маҳаллаи «Олтин бошоқ» стеллаи замонавӣ насб карда, гирду атрофи он обод карда шуд.

**Ӯлмас БАРОТОВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Суратгир: Ҷ.НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).**

**Фармони Президент – дар амал**

# ИДОРАҲОИ ДАВЛАТӢ – БАРОИ ХАЛҚ

**Боиси ифтихор аст, ки алҳол бо ташаббуси Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев «Халқ барои идораҳои давлатӣ не, балки идораҳои давлатӣ барои халқ хидмат мекунанд». Бо Фармони махсуси Қабулхонаҳои халқии Президент ва Қабулхонаҳои виртуалӣ таъсис дода шуданд.**
**Бояд эътироф кард, ки пештар ҳам буданд роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ ва хоҷагидорӣ, намояндагони идораҳои ҳокимияти маҳаллӣ, шахсони масъули вазифадори соҳа, ки бо дида баромадани аризаю шикоятҳои мардум сару кор доштанд.**

Аммо одамоне, ки бо аризаю шикоят дар байни идораҳои гуногун солҳо сарсону саргардон мешуданд, «шикоятчӣ» ном доштанд. Аз ин рӯ, ислоҳоти наве, ки дар мамлакатамон ҷорӣ мегарданд, барои пурра амалӣ намудани ҳуқуқи инсон дар ҷамъият, дар асоси он муқаррар намудани пули боварӣ байни халқ ва давлат хидмат менамоянд.

Ҳимояи ҳуқуқи инсон, сабук кардани бор ва фароҳам овардани шароит дар мадди аввал гузошта шуд.

Имрӯз қабулгоҳҳои Сарвари давлат ба маънои аслӣ ба қалъаи наҷоти мардум табдил меёбанд. Муҳим он аст, ки муроҷиати онҳо дар сатҳи Президент мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад. Дар натиҷа бовари одамон ба давлат, ҷамъият ва фардо меафзояд.

Ноҳияи Самарқанд дар шафати шаҳри бостонӣ ҷой гирифта, аҳолиаш зиёду бисёрмиллат ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Қабулхонаи халқии ноҳия ҳамеша аз одамоне, ки бо ташвишу ғами худу маҳалла меоянд, серодам аст. Мо муаммову дархостҳои мардумро омӯхта, ба онҳо дар ҳудуди имкониятҳои ноҳия ёрии амалӣ расонида истодаем. Бинобар талабу таклифҳое, ки миқёси иҷрояшон дорои сатҳи вилоятиву ҷумҳурӣ мебошанд, ба идораҳои масъули болоӣ фиристода мешаванд.

Дар ҳудуди ноҳия дар асоси муносибати маҷмӯӣ корҳои ободонӣ амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар маҳаллаҳои Конигил, Ҷӯйи Сой, Қӯштамғалӣ ва Қозиариқ корҳои зиёди сохтмонӣ-таъмиру ободонӣ ва бозсозӣ анҷом дода шуданд. Илова бар ин, аз соли 2017 то имрӯз дар асоси Барномаи «Деҳаи обод» маҳаллаҳои Пулимуғоб, Паррандачилик, Гулобод, Конигил, Оҳалик, Қозиқӯрғон, Дӯстлик, нуқтаҳои аҳолинишини Меҳробод ва Илонсой ободу зебо карда шуданд. Дар доираи барномаҳо имсол 55 километр роҳ асфалтпӯш ва шағалфарш гардиданд.

Дар асоси корбурди сохтори маҳаллабайъ дар ҳар як маҳалла нуқтаи трансформатор гузошта, ба масофаи 17 километр сими электрикӣ кашида, 311 симчӯби бетонии барқ устувор карда шуданд. Дар маҳаллаҳои Ҷарқишлоқ, Найзатеппа, Талибарзуи поён, Ҷӯйи Сой, Паррандачилик, Чоршанбе, Янгиариқ, Пулимуғоб, Навобод, Ҷӯйи Аббос, Диёр, Раҷабамин иншооти оби нӯшокӣ сохта, ба масофаи 22,2 километр қубури оби нушокӣ хобонда шуд. Ҳамзамон бо мақсади ба роҳ мондани корҳои мунтазам дар соҳаи тандурустии аҳолӣ гурӯҳҳои сайёри иборат аз кормандони тиб таъсис ёфта, корҳои зиёд, аз қабили расонидани хизматрасонии сайёри тиббӣ ба иштирокдорони ҷанги Афғонистон, шаҳрвандони дар рафъи оқибатҳои фалокати Чернобил иштирок намуда, роҳандозӣ шудаанд.

Барои куҳансолон, шаҳрвандони бемор ва бистарӣ, корҳои аз назорати тиббӣ гузаронидани онҳо татбиқ гардиданд. Танҳо дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ ба 86 341 нафар барои бартараф намудани касалиҳое, ки ҳангоми муоинаи тиббӣ муайян карда шудаанд, чораҳо андешида шуданд. Инчунин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолии деҳаҳои кӯҳистон ва дурдаст фаъолияти табибони соҳибихтисос ҷиҳати расонидани хизматрасонии босифати тиббӣ дар контейнерҳои сайёр ба як қатор маҳаллаҳои ноҳия роҳандозӣ гардид. Дар асоси муроҷиатҳои сершумори сокинон дар маҳаллаҳои Ширинобод, Янгиариқ, Шӯрбойӣ, Янгиобод, Хаймари Поён, Бадал фаъолияти нави бунгоҳҳои деҳотии табобатӣ ташкил гардиданд.

Дар ноҳия барои дар зимистон ба вуҷуд овардани захираи озуқаворӣ корҳои нек ба сомон расиданд. Аз ҷумла, ба истифодаи самарабахши заминҳои мавҷудаи корам, ки маҳсулоти хоҷагии қишлоқ рӯёнида мешаванд, дар заминҳои аз ғалладона холишуда ба роҳ мондани кишти такрорӣ, зиёд намудани маҳсулот, нигоҳ доштани мувозинати нарх дар бозорҳо эътибори махсус дода мешавад. Дар ин бобат кор бо суръат давом дорад. Инчунин, дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешқадами боғу ток ва ниҳолпарварӣ натиҷаҳои намоён ба даст меоянд.

Дар ноҳия бо мақсади пайваста бо гази табиӣ, гази моеъ, қувваи электр таъмин намудани аҳолӣ бо ҷалби тамоми қувваю воситаҳо сохтори нави махсус ташкил карда шуд. Бо ташаббуси Президент дар як муддати кӯтоҳ дар муассисаҳои иҷтимоиву давлатӣ 35 панели офтобии хурди барқароршавандаи энергия ва дар хоҷагиҳои ноҳияи Самарқанд 264 панели хурди офтобӣ насб карда шуданд, то аҳолӣ бо қувваи алтернативии электр мунтазам таъмин карда шавад.

Умуман, қабулхонаҳои халқии Ӯзбекистони Нав имрӯз ба як сохтори нотакрор табдил ёфтаанд, ки ғаму ташвишҳои мардуми фидокори моро мешунаванд, ба шодии онҳо шарик мешаванд, мушкилоташонро боэътимодона ҳаллу фасл мекунанд.

**Илҳом МУРОДОВ,**
**мудири Қабулхонаи халқии Президент дар ноҳияи Самарқанд,**
**доктори фанҳои фалсафа.**

# ТАЪМИНИ ШУҒЛИ БОНУВОН – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

**Дар мамлакатамон шуғли аҳолӣ, алалхусус бонувон яке аз асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, шарти муҳими баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардум муайян гаштааст.**
**Имрӯзҳо барои таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон, амалӣ гардондани қобилияту имкониятҳои онҳо, ба аъзои баробарҳуқуқу фаъоли ҷомеа табдил додани онҳо корҳои васеъ анҷом дода мешаванд.**

Бо Фармони Президент Барномаи миллии баланд бардоштани фаъолнокии занон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат қабул гардид.

Дар ин бобат муҳим он аст, ки самти панҷуми 5 ташаббуси муҳими ба миён гузоштаи Сарвари давлат ба таъмини шуғли занон нигаронида шуда, илова бар ин, қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба боз ҳам таҳкими кафолатҳои ҳуқуқи занон ва дастгирии соҳибкорӣ» аҳамияти калон пайдо мекунад.

Дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон низ масъалаи таъмини шуғли бонувон, ба меҳнати судманд ҷалб намудани онҳо, бо меҳнати хонагӣ ба даромади онҳо мусоидат намудан дар ҷойи аввал аст.

Шуъбаи кор бо занон ва оилаи ноҳия баҳри баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, омодагии касбӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва бо шуғл таъмин намудани онҳо корҳои назаррасро анҷом медиҳанд.

Аз ҷумла, вохӯриву лоиҳаҳое, ки аз ҷониби кумита дар ноҳия баргузор мегарданд, ба кам кардани шумораи оилаҳои «Дафтари оҳанин», ба афзоиши даромади оила, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дастгирии занону духтарони ҷавон аз ҷиҳати моддиву маънавӣ, бо кор таъмин намудан ва касбомӯзии онҳо нигаронида шудааст.

Дар мулоқотҳо бо занону духтарон дар бораи курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддати ройгон, ки дар марказҳои соҳибкории занон ва мономарказҳои «Ишга марҳамат» ташкил мегарданд, маълумот дода мешавад. Ба курсҳои омӯзишии ҳунарҳои миллӣ, дӯзандагӣ, саводнокии компютерӣ, қаннодии миллӣ, ки аз ҷониби ин марказҳо ташкил шудаанд, ҷалб намуда, бо кор таъмин карда мешавад.

Дар натиҷаи омӯзишҳое, ки Кумитаи кор бо занон ва оилаи ноҳия дар соли ҷорӣ гузаронд, 3197 нафар занони бекор бо ҷойи кор таъмин шуданд. Аз онҳо 1056 нафар бо ҷойи кори доимӣ, 4525 нафар ба меҳнати ҷамоатӣ ҷалб карда шуд. Ба 469 нафар занон барои ташкили ихтисос ва касбомӯзӣ роҳхат дода, 521 нафар занону духтарон касбу ҳунар омӯхтанд.

Ба 323 нафар заноне, ки соҳибкорӣ ва васеъ кардани тиҷорати худро мехоҳанд, 13,7 миллиард сӯм қарз ҷудо карда шуд.

Барои бо кор таъмин кардан ва таъсиси ҷойҳои нави кории занони деҳаҳои дурдаст ва минтақаҳои наздисарҳадии ноҳия аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Бо мақсади бартараф намудани бекории занон ва таъмини некӯаҳволии иҷтимоии онҳо дар маҳалҳои зикршуда гармхонаҳо сохта, 189 нафар занон бо кор таъмин гардиданд.

Дар доираи лоиҳаи «Як ҳунарманд – даҳ шогирд» ҷиҳати таъмини шуғли 135 нафар занон дар соҳаи ҳунармандӣ чораҳо андешида мешавад.

Байни занони соҳибкор марҳилаи ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии «Бонуи соҳибкор – 2023» баргузор гардид. Дар он фаъолтарин бонувони соҳибкору ҳунарманди ноҳия бо намоишҳои худ ширкат варзиданд. Дар озмун 3 нафар ғолибиятро ба даст оварда, ба марҳилаи вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Инчунин, бо роҳбарии кумита дар доираи лойиҳаи умумимиллии «Макони сабз» корҳои васеъмиқёс амалӣ шуд. Дар доираи лоиҳа ба ҳифзи табиат ва ташаккули маданияти экологии насли наврас таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда, дар майдони холии боғи фароғатии «Улуғчинор» «Боғи модарон» таъсис дода шуд. Барои ин иқдоми нек занону духтарони фаъоли маҳаллаҳо ниҳолҳои дарахтони ороишӣ шинонданд.

Муовини ҳокими ноҳия Нодира Аҳмедова бо занону духтароне, ки дар ҶММ «Баркас текс» кор мекунанд, суҳбат анҷом дод.

– Чунин корхонаҳое, ки бонувони моро бо кор таъмин мекунанд, рӯз то рӯз зиёд мешаванд. Ин самараи сиёсати халқпарвари Сарвари давлат аст, – мегӯяд Нодира Аҳмедова.– Аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Баркас текс» дар 4 гектар замин бо арзиши умумии 180 млрд. сӯм истеҳсоли дастмолҳои маҳин ба роҳ монда шуда, ҳоло дар натиҷаи ба кор андохтани навбати якуми лоиҳа зиёда аз 1000 нафар занон бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Хулоса, дар ноҳия бобати таъмин намудани шуғли занон ва ба касбу ҳунар омӯзондани онҳо корҳои мунтазам ба роҳ монда шуда, тадбирҳо дар ин самт пайваста ба амал бароварда мешаванд.

Воқеан, шуғли имрӯзаи бонувон аз зиндагии имрӯзаи худ хушнуду қаноатманд будани онҳо, инчунин ободии оиларо таъмин менамояд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Маълум, ки дар вилояти Сурхондарё соҳаи чорводорӣ хеле ривоҷ ёфтааст. Маҳсулоти гӯшти чорво бозори дохилӣ ва хориҷро бо маҳсулоти босифат таъмин месозад.***

## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ЧАРМ БА РОҲ МОНДА ШУД

То имрӯз пӯсти чорвои чорводорон ё ба партовгоҳҳо партофта мешуд ва ё ҳамчун ашёи хом ба нархи арзон ба фурӯш мерафт. Акнун дар вилоят ягона корхонаи азнавкоркарди чарм дар ноҳияи Ангор бунёд ёфта, ба рушди иқтисодиёти воҳа саҳми арзандаи худро ҳамроҳ месозад.

Корхонаи мазкур бо технологияи Италия ҷиҳозонида шуда, қимати умумиаш 23 миллион долларро ташкил медиҳад. Ҳоло қисми аввали корхона ба фаъолият шурӯъ намуда, он дар як сол 1,2 млн. кв. метр чарми тайёр, 450 ҳазор ҷуфт пойафзор, 250 ҳазор дона маҳсулоти аттории чармӣ ва 5 ҳазор тонна желатин истеҳсол мекунад. Корхона дорои ҳамагуна шароит буда, 210 нафар бо ҷойи кории доимӣ таъмин шудаанд. Барои коргарон биноҳои хобгоҳ, ошхона ва маркази омӯзиши иборат аз 20 нафар низ бунёд ёфтааст. Коргарон аз шароити мусоиди барояшон муҳайёгардида хеле мамнун.

Дар корхонаи мазкур, ки аз тарафи ҶММ «Top Qualty Brand» барпо ёфтааст, 100 фоиз маҳсулоти тайёр ба Озарбойҷон, Туркия, Русия, Италия, Ҳиндустон, Португалия, Олмон барин кишварҳои дунё экспорт карда мешавад. Ҳаҷми солонаи экспорт 15 млн. доллар буда, ба буҷаи давлат 4 млрд. сӯм даромад мешавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# Хабарҳо

## САБАБИ МУВАҚҚАТАН КӮТОҲШАВИИ РЕЖИМИ КОРӢ

**Дар вақти зарурат соати кории қисмате аз истгоҳҳои метрополитени Тошканд кӯтоҳ карда мешавад.**

Инак, аз 16 декабри соли равон муваққатан кӯтоҳшавии режими корӣ дар истгоҳи сеюми самти роҳи ҳалқагард (Тузел) эълон шудааст. Режими корӣ аз соати шаши субҳ то даҳи шаб идома хоҳад кард. Сабаб – авҷ гирифтани корҳо дар истгоҳҳои рақамҳои 13 ва 14 -уми (“Турон” ва “Қипчоқ”) ҳамин самт. Баъди пурра ба кор андохта шудани истгоҳҳои номбаршуда режими муқаррарии корӣ барқарор мегардад.

## НОРАСОИҲО БАРТАРАФ МЕШАВАНД

**Бинобар фаро расии фасли зимистон ва паст шудани ҳарорати ҳаво афзудани талаботи аҳолӣ ба гази табииву моеъ як ҳолати табиист.**

Барои он ки дар мавсими зимистонгузаронӣ норасоиҳо зуд бартараф шаванд, “Ҳудудгазтаъминот” режими 24-соатаи кориро дар байни ходимони соҳа ба роҳ гузоштааст.

Танҳо 9 декабр ба аҳолӣ ва истеъмолгарони яклухт ҷамъ 105 млн. кубометр гази табиӣ ва 2224 тонна гази моеъ расонда дода шуд. ”Ҳудудгазтаъминот” аз мизоҷон мепурсад пардохти ҳақи газро ба таъхир нагузоранд.

## АЗ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК КӢ ҒОЛИБ?

**Дар байни толибони илм гузаронидани олимпиадаҳои фаннӣ ба анъана табдил ёфтааст. Муносиб рағбатнок сохтани ғолибон ба афзоиши иштиёқи илмомӯзии онҳо мусоидат менамояд.**

Навъе хидмати ахбори ҳокимияти ноҳияи Сӯх маълум менамояд, дар давраи вилоятии олимпиадаи фаннӣ байни хонандагони синфҳои болоӣ донишандӯзон аз ноҳияи зикршуда фаъолона иштирок карданд. Аз ҷумла, хонандаи синфи ёздаҳум аз мактаби миёнаи рақами 28-ум Шодиёна Собирҷонова дар сабқат аз забон ва адабиёти тоҷик пирӯз гардид. Баробари мукофоти якдафъаинаи пулӣ вай барои иштирок дар зинаи ҷумҳуриявии озмун роҳхат ба даст овард.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

## ДАР БУЗУРГТАРИН МОНИТОРИ ПОЙТАХТИ ҶОПОН ЗЕБОИҲОИ САЙЁҲИИ ӮЗБЕКИСТОН НАМОИШ ДОДА МЕШАВАД

**Монитор дар гузаргоҳи дар ҷаҳон серодамтарин насб шудааст.**

Дар чорроҳаи серодамтарини пойтахти Ҷопон – Шибуя дар лавҳаи бузургтарини электронии таблиғотӣ навори видеоӣ дар бораи иқтидори сайёҳии Ӯзбекистон намоиш дода шудааст.

Гузаргоҳи Шибуя серодамтарин гузаргоҳи пиёдагард дар ҷаҳон аст, ки дар як вақт аз он беш аз 3000 пиёдагард мегузарад. Дар рӯзҳои истироҳат тақрибан 2,5 миллион нафар аз ин чорроҳа истифода мебаранд. Дар наздикии гузаргоҳи Шибуя инчунин муҷассамаи саги машҳур Ҳачико, яке аз ҷойҳои машҳуртарини сайёҳии Токио мавҷуд аст. Дар наздикии чорроҳа яке аз калонтарин истгоҳҳои Ҷопон, истгоҳи Шибуя ва автовокзал ҷойгир аст, ки дар як рӯз тақрибан 5 миллион нафар аз он истифода мекунанд.

Монитори видеоии таблиғи сайёҳӣ бузургтарин монитори берунӣ (420 м2) дар Ҷопон мебошад. Аз соати 6:00 то 12:00 видеоклипҳои 15 сониягӣ пахш мешаванд.

Видеоролики “Ӯзбекистон – чорроҳаи тамаддун” аҳли ҷамъияти Ҷопонро бо ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Хева шинос мекунад.

**АИ «Дунё»,**
**ш.Токио.**

# ЛОИҲАИ НАВИ РОҲИ АВТОМОБИЛГАРД

**Мувофиқи маълумоти Сарсадорати роҳҳои автомобилгарди вилояти Самарқанд бар асоси Фармони Президент аз 8-уми апрели соли 2022 «Дар бораи ислоҳоти навбатӣ оид ба беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувори иқтисодӣ тавассути рушди бахши хусусӣ» дар асоси шароитҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ лоиҳаи сохтани роҳи автомобилии пулакии «Тошканд – Самарқанд» таҳия карда шуд.**

Барои таҳияи нахустин ҳуҷҷатҳои техникӣ-иқтисодии лоиҳа Бонки эҳё ва рушди Аврупо ба миқдори 350 ҳазор доллари амрикоӣ маблағ ҷудо кард.

Аз ҳисоби маблағи мазкур ширкати австриягии «ILF Consulting Engineers Austria GmbH» асоси аввалини техникӣ-иқтисодии лоиҳаро таҳия кард. Барои коркарди ҳуҷҷати асосии техникӣ-иқтисодии лоиҳа Бонки эҳё ва рушди Аврупо 1,5 миллион евро равона намуд.

Бино ба натиҷаҳои савдои тендерӣ яке ширкатҳои Туркия ғолиб дониста шуда, шартномаи баробар ба 1, миллион евро ба имзо расид.

То ҳол аз ҷониби консултант нахустин лоиҳаи омӯзиши пешакии ҳисобот ва инвеститсия тақдим гардидааст ва инчунин аз ҷониби гурӯҳи корӣ қабул шудааст.

Дарозии умумии роҳи мазкур мувофиқи лоиҳа 305 километрро ташкил медиҳад. Лоиҳа дар асоси талаботи шоҳроҳи 305 километрии дараҷаи техникии I-а, 6 хати «Шоҳроҳ», ки ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ мебошад, сохта мешавад. Инчунин, дар тӯли роҳ бунёди кӯпрукҳо ва гузаргоҳҳои нав ва насби системаи интеллектуалии нақлиёт (ITS) дар назар аст.

Дар натиҷаи бунёди шоҳроҳи пулакии «Тошканд – Самарқанд» суръати ҳаракати нақлиёт тақсим мешавад. Иқтидори борбардории сатҳи роҳ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ 13 тонна ва мӯҳлати хизмати роҳ 25 солро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа вазъияти экологии ноҳияҳо беҳтар шуда, бехатарии роҳҳо таъмин гардида, суръати боркашонии транзитӣ зиёд гашта, барои истифодабарандагони роҳҳо воситаҳои нақлиёт фароҳам оварда мешаванд.

Бо иштироки гурӯҳи кории Сарсадорати роҳи автомобилгарди вилояти Самарқанд аз рӯи лоиҳа муаррифӣ баргузор гардид. Дар он масъалаҳои мукаммали вобаста ба лоиҳа дида баромада шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## Вохӯрӣ бо намояндагони воситаҳои ахбор

**Дар чорабиние, ки дар толори иттифоқҳои касабаи вилояти Намангон баргузор гардид, ҳокимони маҳаллӣ, роҳбарони хидмати иттилоотии ташкилотҳои давлатӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.**

Муовини ҳокими вилоят Ботирҷон Нуриддинов оид ба масъалаҳои мубрами имрӯза, бахусус, мубориза бо коррупсия дар соҳа, беғаразӣ дар дарёфт ва паҳн кардани иттилоот, обуна ба нашрияҳо муфассал суханронӣ намуд. Пас аз он, Илҳомҷон Раҳматов, ки ба вазифаи котиби матбуоти ҳокими вилоят – мушовир оид ба сиёсати иттилоотӣ таъин гардид, ба ҳозирон муаррифӣ гардид.

Зимни мулоқот доир ба ташкили хидмати иттилоотӣ, пешгирии паҳншавии хабарҳои бардурӯғ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дар қонун мавҷуди оид ба соҳа пешбинишуда ва одоби касби рӯзноманигорӣ изҳори ақида шуд.

Дар хотима вазифаҳои таъхирнопазире, ки дар назди соҳа истодаанд, муайян карда шуданд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ШАХСОНИ НОГИРО АЗ ХИДМАТҲОИ ДАВЛАТӢ ЧӢ ГУНА ИСТИФОДА МЕБАРАНД?

**Дар Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав ба шахсони ногиро эътибори алоҳида дода шудааст. Барои дар амал таъмин намудани ин ба маъюбон қариб 50 хидмати давлатию иҷтимоӣ ҷорӣ карда шудааст.**

Онҳо аз ин хидматҳо чӣ гуна истифода мебаранд? Ба ин савол **сардори раёсати Вазорати адлия Улуғбек АБДУЛЛОЕВ посух дод.**

– Ба маъюбон имконият дода мешавад, ки дар таълим, шуғл, соҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар пурра иштирок намоянд. Ба онҳо ба мақсади фароҳам овардани қулайиҳои баландтарин дар расондани хидматҳои давлатӣ дар марказҳои хидматҳои давлатии низоми Вазорати адлия шароити зарурӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар ин бобат як қатор имтиёзҳо низ муайян шудаанд, ки ба таъмини имкониятҳои баробар, дастгирии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагӣ нигаронда шудаанд.

Бо фармони дахлдори раҳбари давлатамон аз 1 ноябри соли 2021 ба шахсоне, ки дар низоми ахбори «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ба рӯйхат гирифта шудаанд, инчунин ба ногироҳои гурӯҳи I ва II ба воситаи марказҳои хидматҳои давлатӣ ё портали ягонаи хидматҳои интерактивии давлатӣ дар расондани хидматҳои давлатӣ бинобар боҷҳои давлатӣ, хироҷҳо ва дигар ҳар гуна пардохтҳо 50 фоиз тахфиф муайян шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани имкониятҳои истифодабарии хидматҳои давлатӣ тартиби ба маҳалҳо баромада расондани хидмати давлатӣ муқаррар шудааст. Аз ҳама муҳимаш, муқаррар карда шуд, ки аз пиронсолоне, ки ба кумаки дигарон эҳтиёҷ доранд, бинобар вазъи саломатиашон аз қобилияти мустақилона ҳаракат кардан маҳдуданд, инчунин маъюбони гурӯҳи I ва II барои хидматрасонии давлатӣ маблағ ситонида намешавад. Хидматрасониҳои давлатӣ, аз қабили пӯшонидани хароҷоти шахси маъюб ва оилаи дорои маъюб вобаста ба хариди қитъаи замин тавассути савдои музоядаи электронӣ, пӯшонидани хароҷоти таҳсил, зист ва нақлиёт ва ҷудо намудани субсидияҳо барои харидани таҷҳизот ва асбобҳои меҳнатӣ ба роҳ монда шудааст.

Тезонидани равандҳои рақамӣ хидматрасониҳои давлатиро барои ҳамаи тоифаҳои шаҳрвандон, аз ҷумла барои шахсони маъюб дастрас месозад.

Ба ғайр аз ин, дар раванди рушди технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рақамисозии маълумотҳо чораҳои бе дархости онҳо (хидматҳои проактивӣ) расондани хидмати давлатӣ ба маъюбон андешида мешаванд.

Масалан, ёрдампулие, ки ба кӯдаки маъюби то 18-сола ва ба намояндаи конунии кӯдаки маъюби то 18-сола дода мешавад, аз ҷумлаи онҳост.

Кор дар бобати зиёд кардани шумораи чунин хидматҳои давлатӣ давом дорад. Аз ҷумла, Вазорати адлия якҷоя бо Агентии ҳифзи иҷтимоӣ бобати ҷорӣ намудани тартиби маҷмӯии тамоми хидматрасониҳои давлатии вобаста ба маъюбон дар вақти муайян кардани маъюбӣ кор пеш мебарад.

Марказҳои хидматрасонии давлатӣ барои фароҳам овардани муҳити фарогир барои маъюбон мутобиқ карда шудаанд. Биноҳои замонавии МХД бо пандусҳо, ҷойҳои махсуси интизорӣ, планшетҳо барои тарҷумонҳои сурдо ва дигар шароитҳои махсуси хидматрасонӣ барои маъюбон муҷаҳҳаз мебошанд.

Хидматрасонии давлатӣ ба маъюбон, пиронсолон ва занони ҳомила дар марказҳои хидматҳои давлатӣ бидуни навбат сурат мегирад.

Ҳамаи ин ба бунёди ҷомеаи фарогиртар нигаронида шудааст, ки дар он ҳар як шаҳрванд сарфи назар аз хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ имкониятҳои баробар дошта, дар ҳаёти ҷомеа пурра иштирок мекунад.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**



# БАРНОМАИ СОЛИМГАРДОНИИ ЗАМОНАВӢ ДАР АМАЛ

Табобатгоҳи рақами 2-юми шаҳри Фарғона дар асоси қарори ҳокими вилоят ба клиникаи бисёрсоҳавии Институти тиббии саломатии ҷамоавии Фарғона табдил ёфта буд. Табобатгоҳ дорои 250 ҷой буда, имрӯз ҳафт шуъба мавҷуд мебошад ва пешбинӣ шудааст, ки фаъолияти шуъбаҳои кардиоҷарроҳӣ, невропатология, урология ва монанди инро васеътар намоянд.

– Клиникаамон ба маскани умед табдил ёфтааст гӯям, хато намекунам. Чунки ҳазорҳо беморон бо умеди шифо ёфтан ба ин маскан омада, сиҳат шуда ба оғӯши оилаҳояшон бармегарданд, – мегӯяд мудири шуъбаи кардиология Муҳайё Ҳошимова. – Ба клиникаамон ҳатто аз давлатҳои хориҷӣ ҳам шаҳрвандон омада истодаанд. Дар ҷамоаамон шифокорон ва ҳамшираҳои ботаҷриба кор мекунанд. Дар ин маскани шифо намояндагони илм – профессорону академикҳо ҷамъ омадаанд. Дар миқёси ҷумҳурӣ бо кӯмаки онҳо амалиётҳои мураккабтарин анҷом дода мешаванд.

Ба қарибӣ дар табобатгоҳ шуъбаи педиатрия иборат аз 30 ҷой ташкил гардид. Шифокори бачаҳо Ҳасанбой Муллоҷонов мегӯяд, ки имрӯз барои кӯдакон сохтори кӯмаки тиббии муҷаҳҳаз бо технологияи замонавӣ такомул меёбад. Инчунин, профилактикаи бемориҳои бачагона, саривақт муайян кардани онҳо, барномаҳои солимгардонӣ дар амал ҷорӣ мегарданд.

**Дар сурат:** дар табобатгоҳи рақами 2-юми шаҳри Фарғона.

**Суратгир: М. ҚОДИРОВ. ЎзА.**

Хотира муқаддас аст

# ЧУ ЯК ҲАМСОЛИ МАН МИРАД...

*Оқибат манзили мо зери замин хоҳад буд,*
*То қиёмат ҳамаро ҳол чунин хоҳад буд.*

– Шунидед? Тоҳири физик рафт...

– Чӣ?! О, вай соли гузашта бандагиро ба ҷо оварда буд-ку?

– Шумо шодравон Тоҳир Ҳасановро, ки дар Новосибирск буд, дар назар доред? Ман дар бораи Тоҳир Олимов мегӯям...

Чунин буд муколамаи ҳамсинфон баъди нобаҳангом чашм аз олам пӯшидани устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади фанҳои физика-математика Тоҳир Олимов.

Ӯ пас аз хатми синфи 8-уми мактаби таълими умумии рақами 17-уми маҳаллаи Гулбоғ шомили мактаби рақами 16-уми деҳаи Ӯрташайх шуд ва дар синфи 9 бо мо мувозӣ сабақ гирифт. Ҳангоми дарсҳои якҷоя, чорабиниҳои гуногун, олимпиадаҳои фаннӣ, хусусан мусобиқаҳои варзишӣ ҳамроҳ будем. Бо Тоҳири зукко, пешқадам ва ҳозирҷавоб унс гирифтем. Ӯ дар муддати кӯтоҳ бо хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили хоксорӣ, росткорӣ ва ҷавонмардии худ ба ҳурмату эҳтироми ҳамсинфони нав сазовор гашта буд. Аз ҳама фанҳо баҳои аъло мегирифт. Роҳбари синфашон шодравон Ӯроқ Аҳадов нимҷиддиву нимшӯхӣ мегуфт, ки Тоҳир Олимов албатта дар оянда физик мешавад. Чунки ӯ гоҳгоҳ дар ташхисхона амалиётҳои гуногунро мустақилона гузаронида, диққати устодашро ба худ мекашид.

Соли 1968 мактаби мазкурро 14 нафар донишомӯзон бо медали тилло хатм карданд, ки яке аз онҳо Тоҳир Олимов буд. Вай ба маслиҳати роҳбари синфашон амал карда, ба факултаи физика-математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳуҷҷат супурд ва донишҷӯ шуд.

Дар муассисаи олӣ аз профессорон Мақсуд Мӯъминов, Аминҷон Суяршоев, Ҳамза Ҳайдаров ва дигарон асрори фанни физикаро аз бар кард.

Дорулфунунро бо дипломи сурх хатм намуд ва дар кафедраи астрономия фаъолияти илмии худро бо роҳбарии профессор Баҳром Маҳмудов идома дод. Дар бисёр анҷуманҳои байналхалқӣ бо маърӯзаҳо оид ба астрономия ва космонавтика ширкат варзид. Бо сафари корӣ ба кишварҳои Амрико, Ҷопон, Ҳиндустон ва ғайра рафт.

– Камина бо Тоҳир Олимов на танҳо ҳамсабақ, инчунин ҳамкору ҳамфикр ҳам будем, – гуфт номзади илмҳои физика-математика, устоди ДДС Нуриддин Алиев. – Солҳои тӯлонӣ дар стансияи кайҳонӣ, ки дар кӯҳсори Оҳалик воқеъ буд, навбатдорӣ мекардему ҳодисаҳои коинот ва заррачаҳои рӯшноиро тавассути телескоп мушоҳида карда, қайд менамудем. Бо гузашти айём ҳар ду рисолаи номзадиро пасу пеш дифоъ кардем ва дар донишгоҳ фаъолияти меҳнатии худро идома додем.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки барои Тоҳир Олимов таъмагарӣ, танбалӣ, худписандӣ мутлақо бегона буд. Ба шогирдон аз рӯи адолат ва савияи дониш баҳо мегузошт. На танҳо дар Самарқанд, инчунин дар Санкт-Петербург, Маскав ва Тошканд аз хидмати нақлиёти ҷамоатӣ истифода мебурд. “Меҳнати ҳалолу нони ҳалол” шиори зиндагиаш буд.

Тоҳир Олимов бахти худро дар донишгоҳ ёфт. Вай бо Назира Раҳимова акди никоҳ баст. Писараш Навфал факултаи иқтисодиётро хатм карда, то дараҷаи доктори фан расид. Духтаронаш Машҳура ва Моҳичеҳра ҳам сазовори унвонҳои илмӣ шуда, яке дар Самарқанд, дигаре дар Амрико фаъолият доранд.

Сад дареғо, ки дили дӯсти ҷонӣ ва ҷавонии мо аз таппиш монд. Барои ба роҳи охирин гусел кардани ӯ мардуми зиёд ба деҳаи Кӯҳи Сахо ҷамъ омаданд. Пайвандон, ёру дӯстон, ҳамкасбу шогирдон бо сӯзу гудоз турбати ӯро ба хок супурданд.

– Сад дареғо, дидор ба қиёмат монд, – бо ҳасрату алам лаб ба сухан кушод писараш Навфал. – Зеро то аз Олмон омадам, аллакай дер шуда буд. Шодам, ки лоақал дар роҳ тавассути телефон бо падарам суҳбат карда тавонистам. Қиблагоҳи назмдӯстам доимо такрор мекарданд:

*Тоҷи сари ҷумла*
*ҳунарҳост илм,*
*Қуфлкушои ҳама*
*дарҳост илм.*

Бинобар ҳамин насиҳати падар, мо – фарзандон ҳамеша ба андӯхтани дониш кӯшиш мекунем.

**Аҳмадҷон СОЛЕЕВ,**
**ҷонишини ректори ДДС,**
**доктори фанҳои физика-математика.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ИДИ ҲОСИЛ ДАР БУХОРО

**Маълум аст, ки якшанбеи дуюми моҳи декабр дар мамлакати мо Рӯзи кормандони соҳаи хоҷагии қишлоқ эълон гардидааст. Ба ин муносибат дар ноҳияҳои вилояти Бухоро тантанаҳои идона ба амал омаданд. 9 декабр бошад, ба ин муносибат тадбири вилоятӣ дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бухоро-Варнит» баргузор гардид. Дар он роҳбарони хоҷагиҳои фермерии пешқадам, кластерҳо, соҳибони қитъаҳои наздиҳавлӣ, олимон, мутасаддиёни соҳаи об, механизаторон, агрономҳо, фидоиёни соҳа ва аҳли ҷамоат иштирок карданд.**




Ҳокими вилоят Ботир Зарифов ҷамъомадагонро бо Рӯзи Конститутсия ва комёбиҳои арзандаи кишоварзон муборакбод намуд. Вай бо қаноатмандӣ таъкид намуд, ки кирмакпарварони вилоят дар мамлакат аввалин шуда, ғаллакорону пахтакорон низ дар ҷойҳои дуюму сеюм нақшаи шартномавиашонро бо муваффақият иҷро карданд. Бо вуҷуди як қатор душвориҳои табиӣ ба давлат қариб 2716 тонна пилла супорида шуд ва 113 ҳазор нафар кормандони соҳа бештар аз 103 миллиард сӯм даромад гирифтанд. Имсол ғаллакорон беш аз 600 ҳазор тонна ғалла истеҳсол карданд. Бештар аз 283 тоннаи он ба ихтиёри хоҷагиҳои фермерӣ ва худи аҳолӣ монд. Ҳосилнокии майдонҳои хоҷагиҳои фермерии пешқадам ба 90-100 сентнерӣ рост омад.

Пахтакорони диловар низ аз 96,2 ҳазор гектар майдон қариб 377 ҳазор тонна пахта бардоштанд. Дар бист соли охир ҳосилнокии ҳар гектар ба 39,2 сентнерӣ расид. Хоҷагиҳои фермерӣ ба андозаи 3 триллион сӯм даромад карда, 208 миллиард сӯм фоидаи соф диданд. Аҳли вилоят фақат аз музди пахтачинӣ 600 миллиард сӯм даромад кард.

Ҳосилнокии хоҷагиҳои фермерии пуртаҷриба 50-55 сентнериро ташкил кард.

Аз ҳисоби кишти такрорӣ шаҳрвандони бекор ва шомили «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» аз 17 ҳазор гектар майдонҳои тақсимкарда 262 миллиард сӯм даромад гирифтанд.

Дар вилоят соҳаҳои чорводорию меваю сабзавотпарварӣ низ рушд меёбад. Ҳоло дар вилоят саршумори чорвои сиёҳ ба 1,5 миллион сар расонда шуда, ҳаҷми истеҳсоли гӯшт ба 300 ҳазор тонна, истеҳсоли шир 1,2 миллион тонна мувофиқ омад. Миқдори паррандаҳо 8 миллион сар, истеҳсоли тухм 531,5 миллион дона ва гӯшти парранда 32 ҳазор тоннаро ташкил кард.

Инчунин дар вилоят 955 ҳазор тонна сабзавот, 214 ҳазор тонна маҳсулоти полиз, 269 ҳазор тонна картошка, 311,5 ҳазор тонна мева, 235 ҳазор тонна ангур истеҳсол карда шуд...

Хулоса, ба туфайлиислоҳоти самарабахш имсол аҳолии вилоят аз соҳаи зироатпарварӣ ҷамъ 40 триллион сӯм даромад гирифт.

Дар иди ҳосил ба фидоиёни соҳа нишонҳои сарисинагии «Фидоии хоҷагии қишлоқ», «Фермери пешқадам», «Деҳқони меҳнатдӯст», ба тарзи тантанавӣ супорида шуд. Инчунин гурӯҳи дигари онҳо бо ифтихорномаи Шӯрои намояндагони халқи вилоят ва тӯҳфаҳо тақдир ёфтанд.

Барномаи консертии устодони санъат ба иштироккунандагони тадбир рӯҳияти идона бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## Хабарҳо

### Қабули сайёри ҳоким

**Боиси хурсандист, ки имрӯз дар мамлакати мо бо мақсади розӣ кардани мардум роҳбарони тоифаҳои гуногун чораю тадбирҳои самараноки барои омма қулай меандешанд. Ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Баҳоуддин Нақшбанди шаҳри Бухоро бо масъалаву мушкилоти аҳолии ҳудуд аз наздик шинос шуд.**

Бо ин мақсад дар бинои шуъбаи вилоятии Агентии баҳогузорӣ ба донишу малака қабули сайёри ҳоким ба амал омад. Шаҳрвандон ба ҳоким ва мутасаддиёни дахлдор оиди фарогирӣ бо кор, таъмири хонаю ҷой, гирифтани кумаки моддӣ баҳри ҳифзи саломатӣ, дастраскунии кредит ҷиҳати оғози соҳибкорӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои кадастри иншоотҳо ва ғайра муроҷиат карданд. Хоҳиши сокинони маҳалла Шаҳноза Аҳмадова, Шаҳноза Раҳматуллоева, Шаҳло Барноева ва Муборак Ортиқова бобати соҳибшавӣ ба мошинаи дарздӯзию анҷомҳои он ва ба ин восита дар оила ба роҳ мондани фаъолияти дӯзандагӣ аз ҷониби ҳокими вилоят фавран иҷро шуд. Он дархостҳое, ки вақт ва омӯзишро талаб мекунанд, ба назорат гирифта шуд. Гурӯҳе аз муроҷиаткунандагон маслиҳати ҳуқуқӣ гирифтанд. Дар вилоят қабули сайёр бо низоми «маҳаллабайъ» идома меёбад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

### Бори аввал ба Токио парвозҳои мунтазам ба роҳ монда мешаванд

**Ширкати ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» ба мақсади ҷалби сайёҳони ҷопонӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои шаҳрвандони Ӯзбекистон, ки дар Ҷопон истиқомат мекунанд, қарор дод, ки парвозҳои мустақимро бинобар хатсайри “Тошканд-Токио-Тошканд” аз моҳи декабри соли 2023 то моҳи марти соли 2024 анҷом диҳад.**

Сафорати Ӯзбекистон хабар дод, ки то имрӯз парвозҳои мустақим дар хатсайри “Тошканд–Токио–Тошканд” танҳо дар моҳҳои апрел-октябр сурат мегирифтанд.

Парвозҳо бори аввал дар 15 соли охир ва дар мавсими зимистон бо мақсади зиёд намудани гардиши сайёҳии Ҷопон ба шаҳрҳои таърихии Ӯзбекистон, зиёд намудани шумораи сайёҳони транзитӣ тавассути Тошканд, тавсеаи хатсайрҳои транзитӣ тавассути кишвари мо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ, Аврупо, Ховари Миёна, инчунин барои фароҳам овардани шароити мусоид ба ҳамватанони муқими Ҷопон ташкил карда мешаванд.

**АИ “Дунё”,**
**ш. Токио.**

### Музокира бо сармоягузорони эронӣ

**Ҳокими шаҳри Ғозғон Азим Бозоров бо сармоягузорони эронӣ вохӯрд. Зимни мулоқот сармоягузорон бо имконоти барои ҳамкорони хориҷӣ муҳайёбуда шинос гардиданд. Ҳамчунин, масоили андоз муҳокима гардид.**

Ҳокими шаҳр таъкид намуд, ки дар ҳудуди маҳаллаи Мармаробод 20 гектар замин бо усули музояда барои бунёди корхонаи нав бо номи «Албурз» ҷудо карда мешавад. Масоили оби ошомиданӣ, барқ, газ ва роҳи мошингард аз ҷониби ҳокимияти шаҳр ҳаллу фасл меёбанд. Аллакай ин масоил дар минтақаи озоди иқтисодӣ ҳалли худро ёфтаанд. Корхона ба истеҳсоли ашёи хоми бетонрезӣ машғул мешавад.

Рӯзҳои наздик дар корхонаи нави Ғазғон ҷойҳои нави корӣ барои қабули ҷавонон омода мегардад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# НАҚЛИЁТИ МАЪМУЛУ МАЪҚУЛ БО ҲАРФИ «М»

## мегӯянд мардуми шаҳри бостонӣ ва меҳмонони хориҷӣ

**Бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлатамон Самарқанд ба маркази сайёҳӣ табдил ёфт. Аз ҳамин сабаб кӯчаҳои шаҳр васеъ, мумфарш ва равон шудаанд. Нақлиёти ҷамоатӣ бисёр шуда, аксарияти онҳо аз хориҷа харид гардид, ки ниҳоят зебо, дилкаш ва дохилаш мӯътадил, равшан, курсиҳо нарму гарманд.**

Мусофирон аз хидмати беминнати электробусҳои бо тамғаи «М» сипосгузор ҳастанд, ки қариб садо надорад, ҳаворо ифлос намекунад ва аз рӯи хатсайрҳои хеш қатъӣ ҳаракат мекунанд.

– Бояд таъкид намуд, ки Самарқанд ба Бонки Аврупоии рушду тараққиёти «шаҳрҳои сабз» аъзо шуд ва 49 миллион доллар кредит гирифт, ки аз Чин электробусҳои замонавӣ харид намояд, – гуфт намояндаи садорати хизмати нақлиёти вилоят Шерзод Халилов, – бинобар ҳамин аз Хитой 6 адад нақлиёт ба шаҳри мо омад ва аз санҷиши ҷиддӣ гузашт. Аз соли оянда боз 94 электробуси замонавӣ дар хидмати мардуми Самарқанд хоҳад шуд. Воқеан, ҳар рӯз 4-5 ҳазор нафар мусофирон аз хидмати беминнати электробусҳо истифода мебаранд.

Шерзод Халилов иттилоъ дод, ки дар хатсайрҳои гуногун электробусҳо аз рӯи ҷадвали қатъӣ ҳаракат мекунанд.

– Ман дар минтақаи Суғдиёнаи шаҳри Самарқанд зиндагӣ мекунам, – иброз дошт Фаридун Қаҳҳоров, – кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки маҳз ба нақлиёти бо тамғаи «М» савор шавам. Зеро он ниҳоят маъмулу маъқул аст. Агар ба яке имконияти нишастан нашавад, баъди 10 дақиқа дигараш пайдо мешавад. Аҷибаш дар он аст, ки мисли дигар нақлиёти мусофиркашон дар ҳар қадам таваққуф карда миҷоз намегирад ва аз рӯи ҷадвали ҷиддӣ ҳаракат мекунад.

**Баҳодури ЗОҲИР,**
**Самарқанд.**

# МУШКИЛОТИ ШАҲРВАНДОНИ НОҲИЯ БАРТАРАФ ГАРДИД

**Қабули сайёри навбатии ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев дар маҳаллаи Дӯстлики ноҳияи Сардоба бахшида ба омӯзиши аҳволи иҷтимоиву иқтисодӣ ва муроҷиати шаҳрвандон баргузор шуд.**

Чанде пеш аъзои гурӯҳ ва роҳбарони ташкилотҳо бо роҳбарии ҳоким ба маҳаллаҳои ноҳия сафар карда, бо сокинон мулоқот намуданд. Ҳангоми санҷиш бобати аз байн бардоштани баъзе мушкилот дар маҳалҳо чораҳо андешида, муаммоҳое, ки омӯзиши иловагиро тақозо доранд, муҳокима ва барои пешниҳод ба идораҳои дахлдор таклифҳо тайёр карданд.

Дар қабули сайёри навбатӣ ба чунин вазифаҳо, аз ҷумла ба масъалаи тандурустӣ, бо кор таъмин кардани аҳолӣ, истифодаи самаранок аз бино ва иншооти холӣ, ҳамчунин аҳволи хидматрасонии коммуналӣ ва тайёрӣ ба мавсими зимистон, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, таъмири роҳҳо ва ба оби ошомидани эътибори махсус дода шуд.

Вобаста ба масъалаи бо кор таъмин кардани аҳолӣ масъулони ҳокимият ва фаъолони Иттифоқи ҷавонон дар бораи ташкил шудани ҷойҳои нави корӣ ҳисобот доданд. Таъкид гардид, ки тӯли 8 моҳи соли ҷорӣ 125 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд. Аз 110 нафар аҳолие, ки ба маркази кумакрасонӣ барои кор муроҷиат кардаанд, 92 нафарашон бо кор таъмин гардиданд, ба якчанд нафар шаҳрванд кумакпулӣ таъин шудааст.

Бинобар натиҷаи омӯзиш 28 мушкилот ошкор шуд. Мушкилоти аз ҳама бештар ба соҳаҳои бо кор фарогирӣ, сектори бонк, нигаҳдории тандурустӣ, таъмини роҳҳои дохилӣ, хидматрасонии кадастр, гази табиӣ ва энергияи электр дахл доранд.

Дар назди роҳбарони сектори ноҳия вазифа гузошта шуд, ки якҷо бо ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо “харитаи амалиёт”-и ҳаллу фасли мушкилоти аз ҷониби гурӯҳи корӣ ошкоршударо кор карда бароянд.

Доир ба масъалаҳои муҳокимагардида қарори дахлдор қабул шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
Вилояти СИРДАРЁ.

# ШАРАФМАНДИИ ИНСОН БА НОМИ Ӯ НИЗ ВОБАСТА АСТ

**Дар байни маърифатдӯстони кишварамон олимони нуктасанҷу донандаи илмҳои таърих бисёранд, ки туфайли онҳо мо саҳифаҳои таърихи бостониро аз нав варақ зада, навигариҳои илми он замонро барои худамон бори дигар кашф менамоем. Яке аз чунин олимони ҳамадон фарзанди асили Бухорои Шариф Комилҷон Раҳимов мебошад, ки муштариёни рӯзномаамон ӯро аз тариқи мақолаҳои ба илми тасаввуф бахшидааш мешиносанд.**

Комилҷон соли 1982 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Пас аз хатми мактаби миёна дар даргоҳҳои муқаддаси илмии Бухоро – мадрасаи Мири Араб ва дар самтҳои бакалавру магистратураи факултаи филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Бухоро таҳсили илм намудааст. Ӯ бо ин қонеъ нагашта, аз ҳисоби гранти давлатӣ дар факултаи забони арабии Донишгоҳи Қоҳира такмили ихтисос намуд. Дар ин муддат баробари таҳкими илму дониши худ пайваста ба донишҷӯён ва омӯзгорони ин донишгоҳ таҳти мавзӯъҳои "Қадамҷойҳои исломии Ӯзбекистон", "Урфу одатҳои миллии мардумӣ", "Ёдгориҳои меъмории Бухоро" ва «Мактаби хаттотии Бухоро" ба забони арабӣ маърӯзаҳо эрод намуд. Мақолаҳои ӯ дар ин забон дар рӯзномаҳои "Ал-Аҳром", "Ал-Масаия", "Абу-л-ҳавл" рӯйи чопро дидаанд.

Соли 2018 кори илмиро таҳти мавзӯи "Асари "Шарҳ ат-Таарруф"-и Мустамлии Бухорӣ ва таъсири он ба манбаъҳои тасаввуфи Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои XI-XV" анҷом дода, доктори фалсафа оид ба фанҳои таърих (PhD) гардид. Соли 2022 барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илм оид ба фанни таърих (Dsc) таҳти мавзӯи "Решаҳои таълимоти Хоҷагон-Нақшбандия ва манбаъҳои ташаккулёбии он (асрҳои IX-XIV )" кори илмии навбатиро бомуваффақият анҷом дод. Ӯ ҳамчун катибашинос, ховаршинос, манбаъшинос ва тасаввуфшинос корҳои зиёдеро ба анҷом расондааст.

30-то монография, 2 маҷмӯаи илмӣ ва беш аз 250 мақолаи дар нашриёҳои маҳалливу хориҷӣ чопгардида собит месозад, ки Комилҷон Раҳимов яке аз олимони серкор мебошад. Ғайр аз ин, мавсуф бо зиёда аз 60 маърӯзааш дар конфронсҳои илмиву амалӣ ва илмиву назарии маҳалливу хориҷӣ иштирок намудааст.

Ҳар як таҳқиқоти илмии ӯ дар омӯхтани пайдоиш, рушд ва аҳамияти тасаввуф нақши алоҳида дорад. Ӯ соли 2011 монографияи аввалини худро бо ҳамкории Наҷмиддин Комилов (рӯҳаш шод бод!) таҳти мавзӯи "Тариқати Хоҷагон ва рушди илмҳои ирфониву фалсафӣ дар Бухоро (асрҳои IX-XV)" ва монографияи навбатӣ "Таърихи тасаввуфи Мовароуннаҳр: ташаккул ва танзими он (асрҳои VIII-XI)"-ро соли 2021 ба чоп расонд, ки ин таҳқиқот оид ба масъалаҳои ба вуҷуд омадани тасаввуф дар Осиёи Марказӣ, тариқати Нақшбандия, ҳаёт ва фаъолияти ҳафт пирро дар бар мегирад. Монографияи дуюм дар хориҷ ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, озарӣ, туркӣ ва арабӣ низ рӯйи чопро дидаанд.

Бухорои Шарифро аҳли олам ҳамчун қуббат ул-исломи дин хуб медонанд. Таҳқиқотҳои навбатии муҳаққиқ низ ба нақши ин шаҳри қадима дар рушди илмҳои исломӣ бахшида шудааст. Инчунин, "Бухоро: шаҳри қуббат ул-ислом" ва рисолаи илмиву таърихие, ки ба фаъолияти яке аз устодони Имом ал-Бухорӣ – Абӯҳафси Кабири Бухорӣ бахшида шудааст, "Алломае, ки Бухороро қуббат ул-ислом кардааст" аз ин ҷумла мебошанд.

Корҳои муҳаққиқ дар соҳаи тарҷумонӣ низ беназир аст. Ӯ асарҳои "Адаб ун-нафс" ва "Хатм ул-авлиё"-и Ҳаким Тирмизӣ, ҷузъи ба алломаҳои Мовароуннаҳр бахшидаи асари "Ал-Ансоб"-и Абдулкарим ас-Самъонӣ (бо ҳамкории Абдулғафури Бухорӣ) аз забони арабӣ, асари "Макорим ул-ахлоқ"-и Ғиёсиддини Хондамир, ки ба ҳаёт ва фаъолияти Алишери Навоӣ бахшида шудааст, "Таърихи Муллозода"-и Аҳмад ибн Маҳмуд Бухорӣ, "Васиятнома"-и Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, "Орифнома"-и Хоҷа Орифи Ревгарӣ, "Рисолаи Азизон"-и Хоҷа Алии Рометаниро аз забони форсии тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

К. Раҳимов ҷиҳати аз наздик ошноӣ пайдо кардани ҳамдиёрону хориҷиён бо мероси илмиву таърихӣ ва маданиву маърифатии кишвар низ шуғл меварзад. Аз ҷумла, ӯ аз соли 2008 инҷониб вазифаи ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи илмиву ирфонии "Нақшбандия"-ро дар ӯҳда дорад. Инчунин, аз соли 1994 дар маркази маҷмӯи Баҳоуддини Нақшбанд анҷумани илмиву амалии "Нақшбандхонӣ" гузаронида мешавад, ки Раҳимов ташкилкунандаи доимии ин анҷуман мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки солҳои охир робитаи илмии олимони Ӯзбекистон бо доираҳои илмии мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла, бо олимони Русия ва ташкилотҳои илмию маънавии он рушд меёбад. Хусусан, алоқаи шарқшиносони мамлакатамон бо Идораи маркази динии мусулмонони Русия мақоми ҷудогона дорад. Бинобар қарори раёсати ин идора ва фармони раиси он, Сармуфтӣ Шайхулислом Талъат Сафо Тоҷиддин соли ҷорӣ барои саҳми муносибаш бобати дар ҳудуди шӯрои собиқ барқарор намудани арзишҳои динию ахлоқӣ ва рушд додани бедории динию ахлоқӣ ва мустаҳкам намудани сулҳ, дӯстию якдигарфаҳмии байни халқҳои Русияю Ӯзбекистон, инчунин хидматҳои дигараш Комилҷон Раҳимов бо ордени идораи мазкур "Вера и честь" ("Боварӣ ва шараф") тақдиронида шуд. Ин мукофот эътирофи хидматҳои арзандаи олим дар хориҷи мамлакат ва самараи интишорёбии асарҳои ӯ, иштироки фаъолонааш дар тадбирҳои илмии манбаъшиносӣ, исломшиносӣ ва таърихи тасаввуф дар Русия мебошад.

Ба қарибӣ 500-солагии мадрасаи Мири Араб, ки ҳазорон олимону донишмандони ҷаҳонро илму



адаб омӯхтааст, васеъ ҷашн гирифта шуд. Конфронси байналхалқие, ки бахшида ба ин сана таҳти мавзӯи "Нақши Бухорои куҳан дар тамаддуни ислом" баргузор шуд, узви Форуми осудаҳолии Абу-Дабӣ, муфтиҳои мамлакатҳои Миср, Озарбойҷон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистон, олимони исломшинос ва намояндагони зиёди соҳа иштирок намуданд.

Дар конфронс ба як гурӯҳ ҳамватанонамон, ки дар омӯзишу тарғибу ташвиқи мероси илмиву мадании аҷдод ва азнавбарқарорсозии арзишҳои маънавӣ ҳиссаи муносиб гузоштаанд, мукофотҳои байналхалқӣ супорида шуд. Аз ҷумла, мувофиқи фармони раиси яке аз ташкилотҳои бонуфузи мусулмонони Русия — Маркази мувофиқгардонии мусулмонони Қафқози Шимолӣ Муфтӣ, шайх Исмоил Бердиев, доктори илмҳои таърих, ходими илмии пешоҳанги Донишкадаи шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ Комилҷон Раҳимов бо ордени "За утверждение духовных ценностей" ("Барои хидматҳояш дар муқаррар намудани арзишҳои маънавӣ") тақдир шуд.

Шарафмандии инсон ба ному насаби ӯ низ вобастагии қавӣ дорад. Комилҷон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо роҳи донишомӯзию такмили илму малака худшиносу хештаншинос гардад.

Меҳнатдӯстию хоксорӣ, худогоҳию ватандӯстӣ, садоқат ба фазилатҳои ҳамидаи аҷдод сифатҳои ба худ хоси вай мебошад. Ӯ мехоҳад оламу одамон аз дурдонаҳо – мероси гаронбаҳои маънавии аҷдод бархурдор бошанд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

---

Дар арзҳои дӯстӣ

# МАҲФИЛИ ИЛМИВУ АДАБИИ «ГАНҶИ СУХАН» ДАР НУРАФШОН

**Дирӯз дар толори барҳавои шуъбаи Донишгоҳи давлатии ахбору технологияи Тошканд дар шаҳри Нурафшон дар доираи меморандуме, ки байни вилоятҳои Суғду Тошканд ба имзо расида буд, бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Тошканд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва ҳамдастии шуъбаи вилоятии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон таҳти номи «Ганҷи сухан» маҳфили илмиву адабӣ баргузор шуд.**

Дар чорабинии фарҳангӣ намояндагони сафорати Тоҷикистон, марказҳои миллию фарҳангӣ, устодони донишгоҳи мазкур, шоиру нависандагон, олимон ва донишҷӯён ширкат ҷустанд.

Пазироии меҳмонон ва иштирокдорон дар толори хурди донишгоҳ сурат гирифт. Проректори донишгоҳ доир ба корҳои маънавият ва маърифат Бобомурод Бобоёров ба маҳфил ҳусни ифтитоҳ бахшида, меҳмононро хайра мақдам гуфт ва афзуд, ки халқҳои меҳмондӯст — ӯзбекону тоҷикон муштаракоти зиёд доранд, метавон гуфт, мо як халқе ҳастем, ки бо ду забон такаллум мекунад...

Бо иқдоми роҳбарони ду давлат — муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи робитаҳои фарҳангӣ ва иқтисодии ду халқи ба ҳам дӯсту бародар саҳифаи нав боз гардид.

Сафири томулихтиёри Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода барои пазироии гарм ба ҳокимияти вилояти Тошканд ва роҳбарияти шуъбаи Донишгоҳи давлатии ахбору технологияи Тошканд арзи сипос намуд ва гуфт, ки тибқи қарордодҳое, ки сарони ду давлат ба тасвиб расондаанд, робитаҳои фарҳангиву иқтисодии ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар сол аз сол густариш меёбад. Таърих гувоҳ аст, ки мо дар фазои дӯстӣ ва якдигарфаҳмӣ корҳои хеле бузургро ба анҷом расондаем. Ба бинои дӯстиву бародарии халқҳои мо хиштҳои нахустини тиллоиро Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ниҳодаанд. Насли имрӯз идомадиҳандаи кори неки онҳост, ба қавле одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт. Фикр мекунам, чорабинии илмиву адабие, ки имрӯз баргузор мешавад, ба таҳкими дӯстиву бародарии халқҳои мо хидмат хоҳад кард.

Директори шуъбаи тошкандии донишгоҳ Нурбек Бахтиёров изҳор дошт, ки донишгоҳи онҳо барои ҷамоҳири Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ кадрҳои баландихтисос тайёр мекунад. Дар байни вилояти Суғд ва вилояти Тошканд тибқи қарордодҳо робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ шудаанд.

Дар қисми дуюми маҳфил риштаи суханро мушовири раиси Кумитаи муносибатҳои миллӣ ва робита бо корҳои хориҷӣ Олим Нарзуллоев, намояндаи ҳокимияти вилояти Тошканд Иброҳим Холматов, раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳонова ба даст гирифта, гирдиҳамомадагонро бо баргузории чорабинии муҳими илмиву адабӣ, ки ба қаробати ду халқи ба ҳам дӯсту бародар мусоидат менамояд, самимона табрику муборакбод намуданд.

Номзади илмҳои филологӣ, раиси маҳфили «Ганҷи сухан» Саидимрон Саидов баъд аз муаррифии меҳмонон, риштаи суханро ба адабиётшиноси маъруф, доктори илмҳои филологӣ, профессор Матлубаи Мирзоюнус дод.

Ӯ доир ба робитаҳои илмии байни ду кишвар ва рушди адабиётшиносии тоҷик дар Ӯзбекистон сухан ба миён овард. Гуфт, ки донишгоҳҳои Самарқанду Фарғона ва Тирмиз бо тадқиқи давраҳои гуногуни адабиёти форсии тоҷикӣ ва намояндагони он машғуланд ва корҳои илмиашонро бомуваффақият дифоъ мекунанд...

Дар қисми мушоираи маҳфил шоирони вилояти Суғду шаҳри Тошканд Абдуҷаббори Сурӯш, Бахромҷони Раҳматзод, Паймон, Муҳаммадҷон Шодӣ ва дигарон шеърҳои тозаэҷоди худро ба самъи ҳозирин расонданд.

Сурудҳои дилнишини овозхонҳо Содирбек Солиев ва Фармон Азимов ба маҳфили илмиву адабӣ шукӯҳи тоза бахшид.

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

---

Меҳмонони мо

# БИЁ, ХУШ, ДИЛНИШИН ҶӮШИ САНЪАТ ДАР САМАРҚАНД АСТ...

**Чанде қабл устоди Донишгоҳи ҳунар ва андешаи Теҳрон, доктори ифтихорӣ, ҳофиз ва мутриби Эрон Муртазо Гударзӣ ба шаҳри Самарқанд ташрифи эҷодӣ фармуда, бо як гурӯҳ ҳофизон суҳбат орост.**

Мо бо ӯ дар осорхонаи пири санъаткорон – Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов вохӯрда, ба чанд суол посух гирифтем.

– Камтар як умр ният доштам, ки ба Самарқанди қандманд ташриф оварда, натанҳо бо ёдгориҳои таърихӣ, инчунин санъаткорон, аҳли фарҳанг аз наздик шинос шавам, – иброз дошт меҳмон. – Боиси хушнудист, ки бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Президенти Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дару дарвозаҳои кишвари шумо боз шуданд ва орзуҳоям ҷомаи амал пӯшид. Ва нахустин зиёрати камина аз зиёрати хона-музейи устод Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов оғоз ёфт. Ин шахси бузург дар Эрон низ маҳбубият дорад.

**– Аҷиб, чӣ сабаб шуд, ки шумо ба санъат дил бастед?**

– Падари бузургворам дар идораи фарҳанги Хуросон вазифадор буд ва бо ҳунармандон сару кор дошт. Рост мегӯянд, ки муҳит инсонро тарбия мекунад. Ман сабақи зиндагӣ, сабақи ҳунари воло, сабақи одамгарӣ, дилёбӣ, накукорӣ ва дигар гуна фазилатҳои инсониро аз қиблагоҳ ва пирони ботадбири зодгоҳ омӯхтам. Аз ҳама муҳимаш, ҳунари волоро дар заминаи ганҷинаҳои эҷодиёти халқамон омӯхтам, ки ифтихор аз он дорам. Аз айёми бачагӣ ба мероси аҷдодӣ дилбастагӣ пайдо кардам, ки онро бағоят дӯст дорам. Хоссатан ба дурдонаҳои паёмбарони назми порсӣ Рӯдакии Самарқандӣ, Шайх Саъдӣ, Мавлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳилолӣ ва шоирони муосири Эрон Фурӯғи Фаррухзод, Ҳушанги Ибтиҳоҷ, Шаҳриёр ва дигарон мушикофона оҳанги дилнишин баста, кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки ба мухлисони бешумор ғизои маънавӣ бахшида, табъи нозуки эшонро болида созам.

**– Шумо ғайр аз Тоҷикистону Ӯзбекистон боз дар кадом кишварҳо будед?**

– Сафари эҷодӣ дар Афғонистон, Туркия, Норвегия, Малӣ, Малайзия, Нидерланд, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон пурмазмуну пурсамар буд. Аммо дар куҷое будам, кӯшиш ба харҷ додам, ки истеъдоди хешро сайқал диҳам.

Имрӯз дар хона-музейи устод Ҳоҷӣ Абдулазиз – бобои пири санъаткорони Шарқ ба харитаи самти саёҳати ӯ дида дӯхта, дар тааҷҷуб афтодам, ки ин марди ҳунар ба бисёр кишварҳои ҷаҳон азми сафар карда, истеъдоди хешро сайқал додаасту дар таҳкими «Шашмақом» саҳмгузор будааст.

Суҳбат бо Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Асадулло Атоуллоев низ пурмазмун гардид.

Бояд иттилоъ дод, ки чанд нафар аз санъаткорони Самарқандро ба иди Наврӯзи оламафрӯз, ки дар Эрон баргузор мегардад, лутфан даъват намудам.

**– Агар малоли хотир набошад, бо нақшаҳои ояндаатон шинос мекардед.**

– Дар пеш боздид аз ёдгориҳои таърихии Самарқанд, сафар ба Бухорои Шариф, шаҳрҳои бостонии Хева, Хуҷанд ва ғайра ҳастанд, ки иншооллоҳ барномаҳои мустанад таҳия карда, тавассути оинаи ниёгуни Теҳрон пахш хоҳем кард.

**Мусоҳиб**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

---

# БАРФ ҲАМ БОРИД

**Лавҳа**



Бо омад-омади фасли сармо шохҳои дарахтон лучу урён, ҳаво гоҳе соф, гоҳи дигар абролуд мешавад. Бо боридани барфи аввал пуштаҳо сап-сафед, қуллаҳо барфпӯш монанди мӯйсафедони салласафед ба назар метобанд. Мардум мисли мӯр дар давоми се фасли дигари сол барои сармо ҷамъовардаашро кам-кам ба сарф кардан шурӯъ мекунанд...

Дар гузаштҳои дур ниҳоят вазнин буд, мегӯянд кӯҳансолон. Мардон ҳатто рӯзҳои сахти зимистон бо роҳи ағба аз он тарафи кӯҳ орду ғалла меоварданду барои зимистон захира намуда, ҳангоми зарурат онро аз осиёб гузаронда, орд мекарданд. Ҳоло орду нон сероб. Танҳо шукр бояд кард...

Рӯзҳои сарди зимистон, ки шабҳо тӯлонист, одамон (аксаран аҳли зиё, омӯзгорон) дар рӯшании шӯълаи шамъу чароғи керосинӣ китоб мехонданд, рӯзнома ва маҷалла мутолиа менамуданд.

Дар он айём рӯзҳои сарди зимистон ба хонаи ҳамдигар меҳмонӣ мерафтанд. Ҳаққу ҳамсоя ҷамъ шуда, байтбарак ё ба ҳамин монанд гирдиҳамоиҳо созмон медоданд.

– Як дафъа рӯзи зимистон тӯй кардем, – аз забони модарам шунида будам.– Иморати дар деҳа сохтаамон ҳамагӣ ду хона ва як даҳлез дошт. Яке аз онҳоро, ки меҳмонхона ба шумор мерафт, вассаҷуфт карда буданд. Азбаски дар мобайни хона сандалӣ гузошта будем, бинобар ин гирди он як ҳафта-даҳ рӯз пеш аз тӯй ҳамсояҳо, хешу табор ҷамъ омада, бегоҳиҳо суҳбат мегузаронданд, чандакбозӣ мекарданд. Дар берун барфи лак-лак меборид.

Табъи шеъргӯйии одамон гоҳе ғолиб омада, намунаҳо аз эҷодиёти даҳонакии халқ мехонданд. Инак, намунае аз онҳо:

*Барф меборад ба фармони Худо,*
*Барфи нав аз мову «барфӣ» аз шумо.*
*Реза-реза барф меборад сафед,*
*Як зиёфат аз шумо дорем умед.*
*Сандалиро гарм созед аз алав,*
*Ширбиринҷу шӯлаву оши палав.*
*Нонҳои кунҷидиву қуббадор,*
*Себу ангур, ноку беҳиву анор.*
*Руставу лавзу мураббою набот,*
*Пистаю бодому қанду қандалот.*
*Чормағзу тутмавизи соягӣ,*
*Баҳри мо тайёр кун аз ҷӯрагӣ.*

Ин қабил шеърхониҳо дар хонаҳои ҳамдеҳагон идома меёфт ва аз даҳон ба даҳон мегузашт.

Барфи аввал ҳам бориду рӯзгори мозӣ ба ёд расид. Дар он рӯзгор мардум табъи шеъргӯйӣ доштаанд магар, ки вобаста ба фаслҳои сол ва вазъи обу ҳаво шеър мебофтаанду мегуфтанд. Гоҳе таассуф мехӯрем аз он, ки ҳоло ба ҷойи он шуғлҳои муфид ҷавонон ва баъзан калонсолон низ ба телефонҳои мобилӣ ва интернет «часпида»-анд.

**Анорбой НАЗАРОВ.**

---

# Ҷавонон шиносномаи ID гирифтанд

Бахшида ба шарафи 31-солагии қабул гардидани Конститутсияи Ӯзбекистон дар толори мактаби тахассусонидаи рақами 1-уми шаҳри Ғозғони вилояти Навоӣ ба 16 нафар ҷавонони синни 16 шиносномаи ID ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Дар тадбир ҳокими шаҳр Азим Бозоров ҷавононро бо гирифтани шиноснома муборакбод намуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

---

Варзиш

# Дар майдон ҷавонмардони савора

**Дар деҳаи хушҳавои Оҳалики ноҳияи Самарқанд мусобиқаи пойга бо асп, камонкашӣ ва бузкашӣ дар байни ҷавонон баргузор гардид, ки бо баъзе сабабҳо вакилони даъватӣ аз вилоятҳои Навоӣ ва Ҷиззах ба мусобиқа наомаданд.**

Беш аз 200 нафар барои ба даст овардани мукофотҳои гаронбаҳо ва роҳхат ба чемпионати ҷумҳурӣ талош варзиданд. Бояд таъкид намуд, ки ба ҳозирон бозиҳои бузкашӣ писанд омад. Чапандозҳои далер, шуҷоатманду диловар ба мухлисон як олам завқу шавқ бахшиданд. Пойгаи аспҳо ва камонкашӣ низ ба ҳама таассуроти калон гузошт.

Бояд таъкид намуд, ки ду сол қабл дар Самарқанд мактаби махсуси савориён таъсис ёфта буд, ҳоло беш аз 700 нафар писару духтарони бебок сирру асрори аспсаворӣ ва бо ҷонварони дастомӯз аз монеаҳо ҷаҳиданро омӯхта истодаанд. Онҳо аллакай дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ ва байналхалқӣ ширкат варзидаанд, ки ҷойҳои фахрӣ насибашон гашт. Имрӯз низ шогирдони ин мактаб пирӯз шуда, ба мусобиқаҳои ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд.

**Баҳодури ЗОҲИР,**
**деҳаи Оҳалики**
**ноҳияи Самарқанд.**

---

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1225.
Адади нашр 4522. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: С.Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.